Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-19
назди Донишгохи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак
бинои 11)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Тадқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарназардошти воқеиятҳои муосири сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Мубрамияти мавзӯъ пеш аз ҳама бо зарурати таҳкими низоми ҳифзи амнияти миллӣ дар шароити таҳдидҳои афзояндаи дохилию хориҷӣ, аз ҷумла шаклҳои муосири ҷинояткорӣ, муайян мегардад. Тавре муаллиф асоснок таъкид менамояд, дар марҳалаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти миллӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ баромад намуда, ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон, ҷомеа ва давлатро дар меҳвари худ қарор медиҳад. Ин раванд татбиқи маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва институтсионалиро талаб менамояд, ки ба саривақт ошкор намудан, пешгирӣ ва безарар гардонидани таҳдидҳои эҳтимолӣ ба манфиатҳои миллӣ равона гардидаанд.

Дар заминаи тағйирёбии муҳити геосиёсӣ ва тавсеаи хатарҳои глобалӣ, масъалаи амнияти давлатӣ дар қатори мушкилоти таъхирнопазири иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсус касб менамояд. Амнияти давлатӣ ҳамчун категорияи мураккаби сиёсӣ-ҳуқуқӣ на танҳо кафили мавҷудияти устувори давлат, балки омили муҳими рушди муттасили фард ва ҷомеа ба шумор меравад ва бо амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Дар ин замина, яке аз унсурҳои калидии низоми таъмини амнияти давлатӣ амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи иқтидори мудофиавии давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла кирдорҳои тахрибкорона, мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва такмили заминаи меъёрии танзими он, аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дошта, ба таҳкими амнияти миллӣ ва устувории давлатдорӣ мусоидат менамояд.

Меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои содир намудани ҷинояти тахрибкорӣ муқаррар менамоянд, инчунин амалияи татбиқи онҳо дар самти риояи талаботи техникаи қонунгузорӣ, сатҳи кофии криминализатсияи аломатҳои объективии ин кирдор ва ҳамоҳангсозии онҳо бо таркибҳои ҷиноятҳои наздик, на ҳамеша ба таври пурра иҷро гардидани вазифаи пешгирикунандаи ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамоянд. Ин ҳолат аз мавҷудияти баъзе норасоиҳои меъёрӣ, номуайянии ҳуқуқӣ ва мушкилоти татбиқи ҳуқуқ шаҳодат дода, зарурати бознигарӣ ва такмили низоми амалкунандаи танзими ҷиноятии тахрибкориро ба миён меорад.

Дар ин замина, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии амалияи татбиқи он ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ баромад намуда, метавонад воситаи муассири ҳалли мушкилоти мубориза бар зидди тахрибкорӣ гардад. Маҳз дар доираи ин раванд, омӯзиш ва таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо тахрибкорӣ ҳамчун ҷинояти алоҳида муқаррар гардидааст, аҳаммияти хос пайдо мекунад. Чунин таҳлил имкон медиҳад, ки таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар самти муайян намудани доираи кирдорҳои ҷиноятӣ, мушаххас намудани аломатҳои таркибии онҳо ва такмили механизмҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври асоснок истифода бурда шавад.

Таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва хориҷӣ барои ошкор намудани камбудиҳо ва холигиҳои ҳуқуқии мавҷуда, инчунин барои таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-асоснок оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам меорад. Бидуни омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи мусбати ҳуқуқии давлатҳои дигар, мубодилаи иттилооти ҳуқуқӣ ва ҳамгироии андешаҳои илмӣ, рушди самараноки низоми ҳуқуқии миллӣ ва наздиксозии он бо стандартҳои байналмилалӣ амалан ғайриимкон мебошад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар он ифода меёбад, ки диссертатсия дар асоси мавкеи устувори тадқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон (доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ) ва инчунин нуқтаи назари

шахсии муаллиф, модели нави меъёре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тахрибкорӣ пешбинӣ менамояд, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия инчунин зарурати такмил додани м. 309 КҶ ҶТ, сохтори нави он пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қонунҳои ҷиноятии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, тадбирҳои зарурӣ барои мукаммалгардии сохтори таркибии ҷинояти мазкур андешида шудаанд. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шудааст. Дар масъалаи истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бошад, роҳу усулҳои санҷидашудаи баъзе аз давлатҳои ИДМ мавриди таҳлил қарор гирифта, истифода онҳо дар қонунгузории ватанӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ тавсия гардидааст.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, дар он баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҷиҳатҳои такмилталаб низ ба мушоҳида мерасанд, ки баррасии онҳо метавонад ба баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва арзиши амалии кори пешниҳодшуда мусоидат намояд. Бо дарназардошти андешаҳои зикршуда, чунин эродҳои зерин ба мазмун ва сохтори диссертатсия пешниҳод мегарданд:

1. Дар доираи таҳқиқот масъалаи таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар давраи тошӯравӣ ба таври кофӣ мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Дар ҳоле ки омӯзиши ин марҳала барои дарки эволютсияи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, хусусиятҳои анъанавӣ-ҳуқуқӣ ва заминаҳои ташаккули меъёрҳои муосир аҳаммияти муҳим дорад. Ба ин хотир, ҷалби манбаъҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва таҳлили таҷрибаи давраҳои пешин метавонист мазмуни илмии диссертатсияро ғанӣ гардонад.

2. Муаллиф пешниҳоди ҷолиб ва назариявӣ асоснокро оид ба зарурати криминализатсияи намудани таълимот бо мақсади анҷом додани амалиёти тахрибкорона ироа намудааст. Бо вуҷуди ин, чунин пешниҳод тақозо менамояд, ки бо далелҳои иловагии илмӣ, аз ҷумла тавассути таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ, асосноккунии криминологӣ ва арзёбии хавфҳои иҷтимоӣ, боз ҳам мустаҳкам гардонида шавад. Ин имкон медиҳад, ки пешниҳод на танҳо аз нигоҳи назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалии татбиқ низ қобили қабул ва асоснок бошад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Қурбонзода Афзуна Азим мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

Хулоса. Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ такмил ёбад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М.

Имзои Гайратов Т.М. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

6 апрели соли 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.